Конституция-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №109 (2936) | Шанбе, 1 сентябри соли 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

ВОХӮРӢ БО ВАКИЛОНИ ПАРЛУМОНИ САҲА

28 августи соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон гурӯҳи вакилони Парлумони Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА)-ро, ки бо роҳбарии Ахтар Чаудри ба Тоҷикистон ташриф овардаанд, ба ҳузур пазируфт.

Дар мулоқот масоили ҳамкории Тоҷикистон бо ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ ва бо кишвари Норвегия баррасӣ шуд.

Аз ҳамкории Тоҷикистону САҲА, ки асосан дар се самт - сиёсию амниятӣ, иқтисодию экологӣ ва гуманитарӣ сурат мегирад, изҳори қаноатмандӣ карда шуд.

Ахтар Чаудри изҳор дошт, ки САҲА минбаъд дастгирии Тоҷикис-тонро барои таҳкими амнияту суботи минтақавӣ, пурзӯр намудани ҳифзи сарҳади давлатӣ бо Афғонистон афзоиш хоҳад дод. Таъкид гардид, ки Тоҷикистон баъд аз соли 2014, яъне пас аз хурӯҷи неруҳои байналмилалии посдори сулҳ аз Афғонистон, дар сарҳади тӯлонии худ бо ин кишвар танҳоӣ эҳсос нахоҳад кард.

Дар мулоқот ҳамчунин доир ба густариши робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Норвегия табодули назар карда шуд.

www.president.tj

ҚАРОРИ

РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи даъвати Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум

Мутобиқи моддаи 24 Қонуни конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» **қарор мекунам:**

Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум 14 сентябри соли 2012 соати 9^{00} дар шаҳри Душанбе даъват карда шавад.

Раиси
Маҷлиси миллии Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
М. УБАЙДУЛЛОЕВ

ш. Душанбе, 30 августи соли 2012 № 12

Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки дар Иҷлосияи ёздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баррасии қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар дар назар дошта шудааст.

Суратгир А. ИСОЕВ

Шукурҷон Зуҳуров Ахтар Чаудриро ба ҳузур пазируфт

28 августи соли 2012 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҳайати Парламенти Норвегияро дар Ассамблеяи Парламентии Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо таҳти роҳбарии ноиби Президенти Парламенти Норвегия Ахтар Чаудри ба ҳузур пазируфт.

Шукурҷон Зуҳуров Ахтар Чаудри ва ҳайати ҳамроҳонашро хайра мақдам гуфта, изҳор дошт, ки тайи чанд соли охир муносибатҳои Парламенти Тоҷикистон бо як силсила созмонҳои аврупоӣ, ба шумули Парламенти Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, парламентҳои кишварҳои алоҳидаи аврупоӣ дар сатҳи зарурӣ густариш ёфтааст.

-Мо аз кӯмакҳои ин созмонҳо ва кишварҳо, аз ҷумла кӯмакҳои башардӯстона ва техникии мамлакати Норвегия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле сипосгузор ҳастем. Норвегия дар ҷаҳорчӯбаи барномаҳои САҲА барои лоиҳаҳои нобудсозии яроқи хурд ва силоҳи сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 521 515 евро маблаг ҷудо кардааст. Ҳамчунин соли 2010 Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони "Кӯмаки мардуми Норвегия" оид ба ҳамкории башардӯстона дар бахши безарарсозии минаҳо ба имзо расид. Мувофиқи созишномаи мазкур барои аз минаҳо тоза кардани заминҳои Тоҷикистон 7 млн. крона (1 млн. 60 ҳазор доллари ИМА) ҷудо шудааст, - гуфт Шукурҷон Зуҳуров.

Раиси Маҷлиси намояндагон ба масъалаҳои Афғонистон дахл карда гуфт, ки мо хоҳон ҳар чӣ зудтар ва бо роҳҳои мусолиматомез ҳал намудани вазъи ин кишвар мебошем. Амният ва сулҳу суботи минтақа, аз ҷумла Афғонистон, барои кишварҳои аврупоӣ низ аҳамияти хоса дорад. Ман аз кишварҳои аврупоӣ ва дигар кишварҳои дунё даъват менамудам, ки кӯмакҳои худро ба Афғонистон ба воситаи Тоҷикистон амалӣ намоянд. Амалӣ намудани кӯмакҳои иқтисодии ин кишварҳо ба воситаи Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ аст, зеро кишвари моро бо Афғонистон сарҳади тӯлонӣ, забон, дин, таъриху фарҳанги муштарак ба ҳам мепайвандад.

Раиси мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат дар бораи зарурати бунёди Неругоҳи барқи обии "Рогун" ва нақши он дар рушду нумӯи иқтисодиёти кишварҳои минтақа муфассал сӯҳбат намуда, изҳор дошт, ки ин неругоҳ барои пешбурди иқтисоди на танҳо Тоҷикистон, балки Афғонистон ва дигар кишварҳои минтақа саҳми муносиб гузошта, метавонад чиҳати ба ҳаёти осоишта баргаштани мардуми Афғонистон мусоидати комил намояд. Аксаран мардуми ин кишвар бо сабаби бекорӣ ва тангии рӯзгор ба парвариш ва қочоқи маводи мухаддир даст мезананд. Барои он ки дар Афғонистон сулҳу оромӣ барқарор гардад, бояд мардум бо ҷойҳои корӣ таъмин карда шавад. Аз ин хотир, зарур аст, ки заводу корхонаҳо бунёд ёбанд. Бе истифодаи неруи барқ ба кор даровардани заводу корхонаҳо ғайриимкон аст.

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки имрӯз дар пешрӯйи кишвари мо қарор дорад, масъалаи мустаҳкам намудани сарҳадҳоямон бо Афғонистон мебошад, ки тақрибан 1500 километрро ташкил медиҳад. Ин масофаи хеле калон аст, ки аз ҷониби сарҳадчиёни худамон муҳофизат карда мешавад. Сарфи назар аз баъзе мушкилот мо базаи моддӣ-техникии амнияти сарҳадҳоямонро ба талаботи вазъияти сиёсии минтақа ҷавобгӯ карда истодаем. Мушкилоти гирифтани пеши роҳи қочоқи маводи мухаддир, муковимат бо гурӯҳҳои террористӣ дар шумори масъалаҳои муҳиме мебошанд, ки Тоҷикистон ба кӯмакҳои дигар кишварҳо, созмонҳо, аз ҷумла САҲА, ниёз дорад.

Моҳияти нақшаҳои дар оянда бунёд кардани роҳҳои мошингарди миёни кишварҳои Тоҷикистону Афғонистон ва Покистон, роҳи оҳани Тоҷикистон - Мазори Шариф - Ҳирот барои оромии вазъи кишвар ва минтақа хеле калон хоҳад буд.

Мо ҳамкориҳои САҲА-ро дар бахшҳои гуногун ҳамеша эҳсос менамоем. Ҳоло дар чандин минтақаи кишвар дафтарҳои ин созмон фаъолият менамоянд. Ҷойи қаноатмандист, ки ҳамкориҳои Бюро дар кишвари мо сол то сол рушду нумӯъ меёбад. Кӯмак ва ҳамкориҳои САҲА бо Парламенти Тоҷикистон чиҳати таҳияи лоиҳаи қонунҳо дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла лоиҳаҳои қонунҳо дар бораи воситаҳои ахбори омма, ҳудидораи маҳаллӣ, барои гендерӣ, гирифтани пеши роҳи шиканҷа ва ғайра қобили зикр аст.

Шукурҷон Зуҳуров инчунин дар бораи шароити фаъолияти воситаҳои ахбори омма ва расонаҳои хабарии мамлакат, минагузорӣ дар баъзе минтақаҳои сарҳадӣ, фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Парламенти кишвар ва масъалаҳои дигар изҳори назар кард.

Ноиби Президенти Парламенти Норвегия Ахтар Чаудри аз пазиройӣ ва сӯҳбати муфассали Раиси Маҷлиси намояндагон арзи сипос намуда, аз равобит ва муносибатҳои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ кард. Номбурда изҳор дошт, ки ӯ ва ҳайати ҳамроҳонаш аз баъзе минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаҳои сарҳадии Тоҷикистону Афғонистон дидан намуда, чиҳати аз ҷониби кишвараш расонидани кӯмакҳои техникӣ чораандешӣ хоҳад намуд. Ӯ бо боварӣ зикр кард, ки дар оянда ҳамкориҳои миёни ду кишвар боз ҳам таҳкам ёфт.

Тарафҳо дар бораи таъсиси гурӯҳҳои дӯстӣ бо парламентҳои кишварҳои ҳамдигар изҳори назар карданд.

Дар сӯҳбат дигар масъалаҳои муҳими ҳамкории миёни САҲА ва Тоҷикистон мавриди арзёбӣ қарор гирифтанд. Сафир, роҳбари Бюрои САҲА дар Тоҷикистон Ивар Викки дар сӯҳбат иштирок дошт.

Котиботи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

28 августи соли 2012 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар маҷлиси Ҳукумат нахуст ҳисоботи вазири мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 «Доир ба тадбирҳои беҳсозии вазъи мелиоративии заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ барои солҳои 2010-2014» шунида шуд.

Тавре зикр гардид, тибқи ин қарор дар солҳои 2010-2014 бо харҷи 34,3 миллион сомонӣ маблағҳои давлатӣ бояд ҳолати мелиоративи 49 ҳазор гектар заминҳои обёришавандаи кишоварзӣ беҳтар карда шавад. Дар солҳои 2010-2011 бо харҷи зиёда аз 17 миллион сомонӣ ҳолати наздики 23300 гектар замини обӣ беҳтар гардидааст, ки аз нақшаи пешбинишуда бештар мебошад.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки бо истифода аз технологияҳои муосир истифодаи каммасрафи оби кишоварзӣ, аз ҷумла обёрии қатрагӣ, васеъ ба роҳ монда шавад, то ки ҳам об сарфа шавад ва ҳам ҳолати мелиоративии заминҳои корами обӣ беҳ гардад. Ҳамчунин дастур дода шуд, ки ҳаҷми заминҳои корами обӣ аз ҳисоби заминҳои партов ва азхудшаванда зиёд карда шавад, то ки ҳам ҷойҳои нави корӣ муҳайё гардад ва ҳам истеҳсоли маҳсулот афзоиш ёбад.

Сипас, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон раиси ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон доир ба иҷрои талаботи қонунгузории кишвар дар бораи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳудидораи шаҳрак ва деҳот ҳисобот дод. Зимни ҳисобот, аз ҷумла зикр гардид, ки 85 фоизи маблаггузории бучети ноҳияи Шуғнон, ки дар ҳаҷми 13,5 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст, аз ҳисоби субвенсияи ҷумҳуриявӣ мебошад. Ғайр аз ин, танҳо ҳамин сол барои сохтмони иншоотҳои нави ноҳияи Шуғнон 20 миллион сомонӣ маблағҳои мутамаркази ҷумҳуриявӣ равона гардидааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, бо назардошти кӯчондани маркази ин ноҳия аз шаҳри Хоруғ ба шаҳраки Вахдат ба ҳамаи вазорату идораҳои ҷумҳуриявӣ дастур дод, ки биноҳои мақомоти маҳаллии ҳудро дар маркази нави маъмурии ин ноҳия ҳар чӣ зудтар бунёд намуда, дар ободонии он саҳми намоён гузоранд. Супоришҳои мушаххас ҳамчунин доир ба сохтмон ва навсозии роҳҳои маҳаллии мошингард, муассисаҳои соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, маркази ҷавонон, варзишгоҳи асосӣ ва дигар иншооти зарурӣ дар маркази маъмурии ноҳияи Шуғнон ва ҳамчунин барои дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорони хусусӣ дода шуд.

Ҳамчунин аз ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон доир ба ободонии маркази маъмурии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон-шаҳри Хоруғ супоришҳо дода шуд. Ҷанбаҳои гуногуни ин масъала зимни ҳисоботи директори Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ» ва риояи Нақшаи генералии шаҳри Хоруғ баррасӣ гардид.

Як зумра лоиҳаҳои қонунҳо ва хулосаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, ки лоиҳаҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои сугуртавӣ ва давлатӣ», «Дар бораи иҷораи молиякиятҳои давлатӣ», «Дар бораи гуразаҳо», «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз ҷумлаи онҳоянд.

Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва баркарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда барои солҳои 2012-2020 тасдиқ гардид.

Институти илмҳои гуманитарии Академияи илмҳои Тоҷикистон ба номи академик Баҳодур Искандаров номгузорӣ карда шуд.

Яке аз қуллаҳои баланди беноми қаторкӯҳҳои Помир, ки ба наздикӣ аз ҷониби 75 кӯҳнавард аз 17 кишвари ҷаҳон фатҳ гардид, «20-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шуд.

Дар фароварди маҷлис Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба масъулини дахлдор доир ба оғози идонаю тантанавии соли нави таҳсили 2012-2013 дар муассисаҳои таълимӣ ва истиқболи шоиста аз бузургтарин ҷашни миллӣ - солгарди навбатии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон супоришҳои мушаххас дод. Таъкид гардид, ки тарғибу ташвиқи арзишҳо ва муқаддасоти олии вобаста ба истиқлолият, давлатдории миллӣ ва ҳифзи шоистаи манфиатҳои давлату миллат дар арсаи минтақа ва ҷаҳон дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад.

Тибқи суроиши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ин рӯзҳо ҳамчунин корҳои ободонию созандагӣ, поксозию беҳдошти шаҳру деҳот ва умуман муҳити зисти аҳолӣ бояд вусъат дода шавад.

www.president.tj

Сафари корӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон

29 августи соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чиҳати иштирок дар Мулоқоти 16-уми сарони давлатҳои аъзои Ҳаракати адами тааҳҳуд ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафар кард.

Дар фурудгоҳи байналмилалии пойтахт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси милли Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров, Сарвазири Ҷум-ҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов, роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Худоёров ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хоричӣ Ҳамрохон Зарифӣ, мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хоричӣ Эркин Раҳматуллоев ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

www.president.tj

Мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ

30 августи соли 2012 дар ҳошияи ҳамоиши сарони давлатҳои Ҳаракати адами тааҳҳуд дар шаҳри Теҳрон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ мулоқот намуд.

Зимни сӯҳбат масоили вобаста ба ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибаи рушдёбандаи ду кишвар баррасӣ шуд.

Назорати пайвастаи рафти иҷрои санадҳои имзошуда ва қарорҳои Комиссияи байниҳукуматии ҳамкориҳои дуҷониба зарур шумурда шуд.

Таъкид гардид, ки корҳо барои пайвастани роҳҳои оҳану мошингард, шабакаҳои барқии миёни ду кишвар ва ифтитоҳи хатсайри мунтазами ҳавоӣ чун василаи густариши бесобиқаи робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ бояд тезонда шаванд.

Ба имзо расондани Созишномаи тиҷоратии сеҷониба миёни Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон ва пайвастани Тоҷикистон ба Созишномаи чоргонаи Покистон-Чин-Қазоқистон ва Қирғизистон низ аз роҳҳои муассири густариши тиҷорат номида шуд.

Зикр гардид. ки алҳол дар Тоҷикистон 12 корхонаи муштараки ду кишвар фаъолият мекунанд, ки ба дорусозӣ, истеҳсоли маснуоти оҳанӣ, коркарди пӯсти чорво ва тиҷорат машғуланд.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба масоили амнияти минтақавӣ, дурнамои авзои Афғонистони ҳамсоя ва дигар масоили мавриди таваҷҷуҳи ду ҷониб сурат гирифт.

www.president.tj

●Дар Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ЛОИҲАИ НАВИ КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРРАСӢ ШУД

30 августи соли 2012 ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия доир гардид.

Суратгир А. ИСОЕВ

Ҷаласаро раиси кумита Сафаралӣ Рачабов кушода, иброз дошт, ки дар он Амиршо Миралиев- муовини якум ва муовинони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Назира Ғафорова ва Мирганд Шабозов, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шӯъбаҳои ҳуқуқ ва тарҷума, таҳрир ва нашри Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, инчунин Ҷумъа Давлатов-мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ-намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарону масъулони вазорату кумитаҳои марбута иштирок доранд.

Рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии як масъала- «Оид ба лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ шуд.

Нахуст аз рӯйи ин масъала муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Миралиев Амиршо Миралиевич суханронӣ кард.

-Тавре ҳамагон огаҳӣ дорем, тайи чанд моҳи охир бо мақсади иҷрои супоришҳои Президенти кишвар Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми имсолааш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуда буданд, таҳия ва баррасии ҳамаҷонибаи лоиҳаи нави Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дорад,-изҳор дошт мавсуф. -Бояд тазаккур дод, ки қабули Кодекси андоз дар таҳрири нав, ки ҷавобгӯйи шароити кунунии иҷтимоию иқтисодии кишварамон бошад, яке аз афзалиятҳои сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир ба ҳисоб меравад ва дар ин замина ҳанӯз 24 июни соли 2011 комиссияи махсус бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ таъсис ёфта буд.

Комиссияи мазкур дар давоми қариб як сол бо ҷалби доираи васеи мутахассисон, коршиносон ва аҳли ҷомеа таҳлилу баррасии муқаррароти алоҳидаи лоиҳаи нави Кодекси андозро ба сомон расонид. Ҳамчунин рӯзи 8 майи соли ҷорӣ дар назди Президенти кишвар машварати васеи корӣ чиҳати баррасии лоиҳаи нави пешниҳодшаванда доир гардид.

Дар ин машварат низ Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъзе аз нуктаҳои лоиҳаи таҳиягардидаро зери таҳлилу интиқод қарор дода, дар назди мақомот ва шахсони масъул вазифаҳои мушаххас гузошта буданд.

Баъди ин машварат бо мақсади таъмини иҷрои супоришҳои додашуда ва боз ҳам такмил додани лоиҳа гурӯҳи корӣ таъсис ёфт. Гурӯҳи корӣ дар якчанд ҷаласа ва вохӯриҳои байниҷаласавии худ эродҳо ва супоришҳои Сарвари давлатро омӯхта, баъзе аз муқаррароти лоиҳаи нави Кодекси андозро таҷдиди назар намуда, лоиҳаи нав ва пурарзишеро ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Ҷунончӣ, дар лоиҳаи нави Кодекси андоз тартиби андозбандӣ ва маъмурикунонии он бамаротиб сода гардонида шуда, шумора ва ҳаҷми андозҳои пешбинишаванда нисбат ба Кодекси амалкунанда ба таври назаррас кам гардидааст, ки ҳамаи ин дар маҷмӯъ ба некуаҳволии мардуми шарифи Тоҷикистон ва беҳтарсозии вазъи соҳибкории хурду миёна нигаронида шудааст. Сабукӣ ва имтиёзҳои дар лоиҳаи нави Кодекси андоз пешбинишаванда ҳамчунин барои мусоид гардидани фазои иқтисодии кишварамон чиҳати сармоягузорӣ заминаи мустаҳками меъёрии ҳуқуқиро фароҳам месозад.

(Идома дар саҳ. 2)

Иштирок дар Мулоқоти 16-уми сарони давлатҳои аъзои Ҳаракати адами тааҳҳуд дар Теҳрон

30 августи соли 2012 дар шаҳри Теҳрон Мулоқоти 16-уми сарони давлатҳои аъзои Ҳаракати адами тааҳҳуд ба кори худ оғоз намуд, ки дар он дар баробари роҳбарони як зумра давлатҳои ҷаҳон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон низ иштирок дорад.

Дар ин ҳамоиш 24 президент, 3 шоҳ, наздики 80 роҳбари ҳукумат ва ё вазорат аз кишварҳои маноти ки гуногуни ҷаҳон ва намояндагони воломақом аз созмонҳои зиёди минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумла Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Пан Ги Мун ширкат меварзанд.

www.president.tj

30 августи соли 2012 дар ҳошияи ҳамоиши сарони давлатҳои Ҳаракати адами тааҳҳуд дар шаҳри Теҳрон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Роҳбари Ҷумҳурии Исломии Эрон Алии Хоманаӣ мулоқот намуд.



Сӯҳбати Эмомалӣ Раҳмон бо Алии Хоманаӣ

Бо изҳори хушнудӣ аз ҳамдилию ҳамбастагии амиқи давлатҳо ва мардуми Тоҷикистону Эрон изҳори боварӣ карда шуд, ки ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ ва ичтимоӣ низ миёни ду кишвар мувофиқ ба талаби рӯз ва имкони захираҳои мавҷуда рушд хоҳад кард.

Пайвастагии мунтазами робитаҳои сатҳу зинаҳои гуногуни роҳбарии ду кишвар омили муҳими густариши муносиботи ҳасана номида шуд.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки имрӯз дар Тоҷикистон 150 ширкати эронӣ кору фаъолияти босамар доранд.

Таъкид гардид, ки ҳамкорӣ дар бахшҳои энергетика, нақлиёту роҳсозӣ, кишоварзӣ, коркарди маҳсулоти он, тавлиди масолеҳи сохтмонӣ ва таъсиси корхонаҳои муштараки саноатӣ чун ҷанбаҳои муҳимтарини робитаҳои иқтисодию тиҷоратии ду кишвар дорои дурнамои умедбахш аст.

Гуфтугӯйи судманд, ҳамчунин доир ба ҳамкории сеҷонибаи Тоҷикистону Эрону Афғонистон ва дигар масоили мавриди таваҷҷуҳ сурат гирифт.

www.president.tj

Вакилони халқ 1938-2010

ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

САТТОРОВ Тошмаҳмад

Вакил аз ҳавзаи интихоботии Турдиев №119, ноҳияи Данғара

Соли 1933 дар деҳаи Ҷартеппаи ноҳияи Данғара таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1949 ба сифати узви артели хоҷагии деҳоти «Съезди XXII партия» сар кардааст. Баъди адои хизмати ҳарбӣ, аз соли 1955 то соли 1960 тракторчии колхоз мешавад. Аз соли 1960 узви артели хоҷагии деҳоти «Съезди XXII партия», Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Данғара буд.

МАЛЛАЕВ Тошмат

Вакил аз ҳавзаи интихоботии Фрунзе №120, ноҳияи Данғара

Соли 1922 дар деҳаи Қӯштемури ноҳияи Совет таваллуд ёфтааст. Миллаташ ӯзбек, таҳсилоташ олӣ.

Аз соли 1954 котиби Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Данғара, раиси Комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони ноҳияҳои Данғара ва Совет, соли 1958 котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Совет интихоб шуд. Аз соли 1963 раиси Комиҷроияи Шӯрои вакилони меҳнаткашони ноҳияи Данғара буд.

Бо ду ордени «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» мукофотонида шудааст.

САЪДУЛЛОЕВ Мирзомуддин

Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҷиргатол №121, ноҳияи Ҷиргатол

Соли 1923 дар деҳаи Мулбини ноҳияи Орҷонкидзеобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Котиби дуюми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Октябр, котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Қалъаи хум, котиби Кумитаи ҳизби коммунисти Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Ҷиргатол буд.

Бо медалҳои «Барои ғалаба бар Германия дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945», «Барои меҳнати шуҷоатнок», «Барои меҳнати шоён», «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945» ва бо Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

АЛИЕВА Рӯҳафзо

Вакил аз ҳавзаи интихоботии Тоҷикобод №122, ноҳияи Ҷиргатол

Соли 1920 дар деҳаи Шавруқиёни ноҳияи Тоҷикобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1937 ба сифати узви оддии артели хоҷагии ба номи Ленини ноҳияи Тоҷикобод сар карда, дар ҳамин артел говдӯш шуда кор мекард. Узви Кумитаи ҳизби коммунисти Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Ҷиргатол буд.

Бо орденҳои «Нишони Фахрӣ» ва медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.

АСОМИДДИНОВА Малика

Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шестопалов №123, ноҳияи Ҷиргатол

Соли 1930 дар деҳаи Бойлар-тобуи ноҳияи Ҷиргатол таваллуд ёфтааст. Миллаташ қирғиз, таҳсилоташ миёна.

Аз соли 1947 то соли 1958 узви артели хоҷагии деҳоти ба номи Ленини ноҳияи Ҷиргатол шуда кор кард. Соли 1958 коргари совхози «Лахш» ва аз соли 1962 говдӯш буд.

ШАРИФОВ Воҳид

Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ворух №124, ноҳияи Конибодом

Соли 1922 дар ноҳияи Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик.

Корманди Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳия, мудири шӯъбаи Кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Ленинобод, мудири шӯъбаи КМ ҲК Тоҷикистон, раиси Кумитаи оид ба радиошунавонӣ ва телевизиони назди Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон шуда кор кардааст. Иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ буд.

Бо орденҳои Байраҳи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ», якчанд медалҳо ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

ҲОШИМОВА Умрӣ

Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҷавонон №125, ноҳияи Конибодом

Соли 1936 дар шаҳри Конибодом таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Аз соли 1959 дар вазифаи котиби дуюми Кумитаи комсомолии шаҳри Конибодом, ташкилотчии комсомолии Раёсати территориявӣ-истеҳсолии колхозӣ-совхозии Конибодомии КМ ЛКСМ Тоҷикистон пешбарӣ шудааст. Аз соли 1963 котиби Кумитаи комсомолии Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Конибодом буд.

Бо Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.

ҚОСИМОВ Раҳбар

Вакил аз ҳавзаи интихоботии Конибодом №126, ноҳияи Конибодом

Соли 1930 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Дар вазифаҳои раиси Шӯрои вакилони меҳнаткашони ноҳияи Ленинобод ва шаҳри Хуҷанд, ҷонишини вазири хоҷагии деҳоти ҶШС Тоҷикистон, соли 1961 котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Мастчоҳ, аз соли 1962 сардори Раёсати территориявии истеҳсолии колхозӣ-совхозии Конибодом, аз соли 1963 котиби Кумитаи ҳизби коммунисти Раёсати истеҳсолии колхозӣ-совхозии Конибодом кор кардааст.

Бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.

(Давомаш дар шумораҳои оянда)

Ба диққати хонандагони рӯзнома!

Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 27 августи соли 2012 № 416 ш. Душанбе

Дар бораи аз вазифаи ректори Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон озод намудани Имомов М. С.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Имомов Маҳмаисуф Сайдалиевич бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи ректори Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон озод карда шавад.

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 27 августи соли 2012 № 417 ш. Душанбе

Дар бораи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин намудани Имомов М. С.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Имомов Маҳмаисуф Сайдалиевич ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 27 августи соли 2012 № 418 ш. Душанбе

Дар бораи аз вазифаи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон озод намудани Одинаев Ҳ.А.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Одинаев Ҳаёт Абдулҳакович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон озод карда шавад.

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 27 августи соли 2012 № 419 ш. Душанбе

Дар бораи аз вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ озод намудани Салихов Н.Н.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Салихов Нуралӣ Назарович бо сабаби ба кори дигар гузаштанаш аз вазифаи ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ озод карда шавад.

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 27 августи соли 2012 № 420 ш. Душанбе

Дар бораи ректори Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон таъин намудани Салихов Н. Н.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Салихов Нуралӣ Назарович ректори Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон таъин карда шавад.

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН

ҚАРОРИ
ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 27 августи соли 2012 № 421 ш. Душанбе

Дар бораи ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таъин намудани Табаров А.Ҳ.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Табаров Абдулло Ҳабибулоевич ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таъин карда шавад.

Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН

ЛОИҲАИ НАВИ КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРРАСӢ ШУД

(Идома аз саҳ. 1)

Бо назардошти ҳамин гуфтаҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ аз 1 августи соли 2012 таҳти №399 лоиҳаи Кодекси андозро дар таҳрири нав маъкул дониста, онро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намудааст.

Зимнан бояд зикр намоям, ки санаи 5 сентябри соли 2012 бо даъвати бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор мегардад ва дар он лоиҳаи Кодекси мазкур мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

-Бинобар ин, умед аст, ки,- иброз дошт зимни ҷамъбасти суханронияш Амиршо Миралиевич,-дар ҳамбастагӣ барои аз ҳар ҷиҳат такмил ёфтани лоиҳаи Кодекси нави андоз саъю кӯшиш намуда, онро дар сатҳи баланд омода сохта, ба баррасии Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод менамоем.

Зимни суханронии хеш Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сафаралӣ Рачабов зикр кард, ки лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҳаматарафа омӯхта, дар хулосаҳои пешниҳодкардаашон онро пурра ҷонибдорӣ намудаанд.

Дар баробари ин, бо мақсади ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мутобиқ намудани Кодекси мазкур, аз байн бурдани мухолифати дохилии меъёрҳои ҳамин Кодекс ва ҳамчунин бо ҳам мутобиқ намудани матни тоҷикӣ бо русӣ 326 таклифу эрод низ пешниҳод кардаанд. Аз ин рақам 250- тоаш қабул ва қисман қабул шуд, ки ин қариб 80 фоизи шумораи умумии таклифҳои пешниҳодшударо ташкил медиҳад. Бояд зикр намоям, ки аз теъдоди умумии таклифу эродҳо 71- тоаш ё ин ки 22 фоизашро муовини Раиси Маҷлиси намояндагон Назира Ғафорова пешниҳод намудаанд, ки онҳо пурра ҚОБИЛ қабул дониста шуданд.

Таклифҳои қабулшуда дар мувофиқа бо субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳаи Кодекс ворид карда шуданд ва онро боз ҳам мукаммал гардониданд.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро, бо назардошти хулосаҳои кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон, инчунин муҳокимаи баргузоргардида барои муҳокима ба Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешниҳоди масъалаи мазкур ба баррасии Иҷлосияи дуюми ғайринавбатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум пешниҳод намуд.

М. АЪЗАМ, «Садои мардум»

● 3 сентябр - Рӯзи таъсисёбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ГОРДИ МИЛЛӢ - ЧЕҲРАИ ҲОМИЁНИ ВАТАН

Ба таъсисёбии Гвардияи миллии Тоҷикистон 17 сол пур мешавад. Имрӯз он ба як ниҳоди ҳарбии таъиноти махсуси ҳозиразамон ва воҳиди муҳимтарини ҳифзи истиқлолият, тамомияти арзӣ ва амнияти давлат табдил ёфтааст. Доир ба фаъолияти ин ниҳоди низомӣ хабарнигорамон бо муовини Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники гвардия Рачабалӣ Маҳмадалиев мусоҳиб гардид.

-Рачабалӣ Солеҳович, ҳар сол сеюми сентябр Рӯзи таъсисёбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил карда мешавад. Хоҳиш дорам, ки барои хонандагони рӯзнома дар бораи кай ба фаъолияти ҳизматӣ шурӯъ намудани Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти мухтасар диҳед?

- Ягон давлату ҳокимият бе артиши тавонову разманда оянда дошта наметавонад. Аз ин рӯ, давлатдорон барои таъмини амнияти шаҳрвандон ва ҳимояи марзу буми давлат ҷузъу томҳои гуногуни лашкарро таъсис медоданд. Сарчашмаҳои таърихӣ тасдиқ менамоянд, ки давлатҳои Ҳахоманишҳо ва баъдан Суғду Бохтар, Хоразму Ашконӣён дорои чунин лашкари далеру ҷасур буданд.

Аз ҷумла Искандари Македонӣ лашкари бонизому зафароварашро дар заминаи низому оини ҳарбии лашкари қавии аҷдодони дури мо - Куруши Кабир ва Дорои I бунёд карда будааст. Сулолаи Сомониён бошад, дар ибтидои ба сари қудрат омадан артиши миллии худро бо дастуру оинномаи низомӣ созмон дода буданд. Номҳои бисёр гурдони ҷасуру диловар, ба мисли Спитамену Деваштич, Темурмалику Муқаннаъ, ки марзу бум ва тамоми муқаддасоти сарзамини ниёгони моро аз ҳамла ва истилои аҷнабиён дифо кардаанд, моя фахру сарбаландии моҷикон гаштаанд.

Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 17 сол боз як рукни асосии Артиши миллӣ мебошад, дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистони азизамон ба сафҳои ҳомиёни бехтарини Ватан шомил гардид. Ташкил ва такмилёбии он бевосита бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Генерали Артиш Эмомалӣ Раҳмон сурат гирифт. Нахуст бо фармони Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Вазорати корҳои дохилии мамлакат, 4 декабри соли 1992, бригадаи таъиноти махсус таъсис дода шуд. Баъдан, 17 январи соли 1995, бригадаи мазкур бо Фармони Президенти ҷумҳурӣ ба Гвардияи президентӣ табдил дода шуд. Ва ниҳоят, моҳи январи соли 2004, Гвардияи президентӣ ба Гвардияи миллӣ мубаддал гашта, қисму воҳидҳои он дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ҷойгир карда шуданд. Дар солҳои аввалини соҳибистиқлолии давлати Тоҷикистон афсарону сарбозони Гвардияи миллӣ баробари дигар хизматчиёни ҳарбии сохторҳои қудратӣ дар нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ, барқарор намудани сохти конституционӣ, амният ва таҳкими Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон иштирок намудаанд.

Санаи таҷлили Рӯзи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3-юми сентябр мукаррар шудааст, ки ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ онро ҳар сол ҷашн мегирад.

-Гвардияи миллӣ дар асоси кадом қонунгузориҳои ҷорӣ ичрои вазифаҳоро ба уҳда дорад?

- Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воҳиди ҳарбии мустақил ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ мебошад. Воҳиди мазкур дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Низомномаи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмати ҳарбиро пеш мебарад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 августи соли 2009 таҳти №539 амал мекунад, ки фаъолияти Гвардияи миллиро ба танзим дароварда, дар он принсипҳои асосии фаъолияти Гвардияи миллӣ- нишон ва рамзҳои Гвардияи миллӣ, вазифа ва ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ, таъминоти молиявӣ, моддию техникӣ ва ҷавобгарӣ барои риоя накардани қонуни мазкур ва дигар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст.

Фаъолияти Гвардияи миллӣ ба принсипҳои волоияти қонун, садоқат ба Президент, ба Ватан ва халқи Тоҷикистон, башардӯстӣ, муқаддас будани масъулияти шаҳрвандӣ барои ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, тамомияти арзӣ, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, омодагии доимии ҷангӣ ва сафарбарӣ, идоракунии мутамарказ, яккасардорӣ, риояи интизоми ҳарбӣ, нигоҳдории сирри давлатӣ ва дигар принсипҳои башардӯстона асос ёфтааст.

Вазифаҳои асосии дар назди Гвардияи миллӣ гузошташуда - ин амалӣ намудани чорабиниҳои ҳимоявӣ, низомӣ, фаврӣ-чустчӯйӣ ва дигар чораҳо барои таъмини амнияти объектҳои таҳти ҳимояи давлатӣ қарордошта, ҳифз ва ҳимояи объектҳои ҳифзшавандаи махсусан муҳими давлатӣ, биноҳо, иншоот ва ҳудудҳои ҳамшафати онҳо, инчунин акватории ҳо, ки номгӯйи онҳоро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, мебошад.

Ҳамзамон Гвардияи миллӣ якҷоя бо Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намудани муҳофизат ва амнияти ҷойҳои баргузоршавии воҳӯриҳои Президенти мамлакат, роҳбарони давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалиро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда дорад. Тибқи супориши Президенти ҷумҳурӣ дар чорабиниҳои вобаста ба мубориза бар зидди терроризм, мудофиаи шаҳрвандӣ, бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ, фалокат ва садамаҳо иштирок менамояд.

- Доир ба баланд бардоштани маҳорат ва беҳтар шудани шароити хизмати ҳайати шахсӣ, бахусус наваскарон чӣ гуна тадбирҳо андешида мешаванд?

- Бояд таъкид намоям, ки мутобиқи фармонҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, ҳангоми даъватҳои тирамоҳӣ ва баҳории ҷавонони синнусоли даъватӣ ба сафҳои Гвардияи миллӣ аз рӯйи талаботи махсус ҷавонони арзанда сафбар карда мешаванд. Навдаъватшудагон аз рӯзи аввали хизмати ҳарбӣ мавриди таваҷҷуҳи хосаи Фармондеҳи Гвардияи миллӣ ва афсарони маркази тайёрии кадрҳо қарор мегиранд. Барои онҳо дар марказ шароити хуби таълимӣ, синфхонаву майдончаҳои ҳарбиву варзишӣ, нуқтаи тиббӣ, толори фарҳангиву фароғатӣ ва дигар шароит фароҳам оварда шудааст.

Маркази тайёрии кадрҳо дар тарбияи мутахассисони хурд ва омода намудани афсарони ҷавон ва наваскарон ба хизмати ҳарбӣ мавқеи махсус дорад. Пас аз адои якуним соли хизмат, сарбозоне, ки қобилияти баланди чисмонӣ ва рӯҳӣ доранд, ба курсҳои махсус ҷалб карда мешаванд. Танҳо баъд аз супоридани санҷишу имтиҳон беҳтаринҳо барои давом додани хизмат дар воҳидҳои алоҳида интихоб мегарданд. Ҳамчунин барои баланд бардоштани савияи донишу афсарони ҷавон ва тайёр кардани мутахассисони хурд курсҳои махсус фаъолият мекунад. Машғулиятҳоро афсарони собиқадори хизмати ҳарбӣ мегузаронанд. Барои пурсамар гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ дар маркази мазкур синфхонаи компютерӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва дигар шароиту имконияти таълимӣ пурра фароҳам оварда шудааст.

Давоми 17 соли фаъолияти хизматӣ таъминоти моддӣ-техникии гвардиячиён чанд маротиба баланд бардошта шуд, ки ин сатҳи омодабошии ҷангиро беҳтар намуд. Бо мақсади боз ҳам мустаҳкам намудани тайёрии ҷангӣ ва баланд бардоштани шароити зисти афсарон дар панҷ соли охир 480 нафар хизматчиёни ҳарбӣ бо манзили истиқоматии хизматӣ ва ҚИТЪАҳои замин таъмин карда шуданд.

- Иштироки ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ дар машқҳои таълимӣ ва сахроии низомии ҷузъу томҳои давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ чӣ гуна аст?

-Ҳайати шахсӣ ба ғайр аз машқҳои сахроӣ, чорабинӣ ва машғулиятҳои гуногуни ҳарбие, ки дар Гвардияи миллӣ доир мегарданд, ҳар сол дарсоси шартномаҳои ҳамкорӣ бо сохторҳои низомии дохилу хориҷи кишвар дар машқҳои таълимӣ-тактикӣ, фармондеҳӣ-ситодӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии амалҳои сохторҳои қудратӣ, тамринҳои муштараки таълимӣ, мубориза бар зидди терроризм ва экстремизми байналмилалӣ фаъолона ширкат варзида, қобилияту донишу ҳарбии хешро такмил медиҳанд. Аз ҷумла ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ дар машқҳои васеи низомӣ, ки Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ дар вилояти Суғд якҷо бо Қувваҳои муштараки зудамали минтақаи Осиёи Марказӣ бо номи «Марз - 2010» гузаронид, фаъолона ширкат варзида, вазифаҳои ба зиммадоштаашонро сарбаландона иҷро намуданд.

Соли равон бошад, аз 7 то 14 июн дар машқгоҳи сахроии Чоруқдаррони гарнизони Суғд машқҳои муштараки низомии ситодӣ-фармондеҳии кишварҳои Созмони Ҳамкории Шанхай таҳти унвони «Рисолати сулҳҷӯёна-2012» доир гардид, ки дар он ҳайати шахсии қисми ҳарбии Гвардияи миллӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори баҳои баланд гардиданд.

-Таманниёти шумо ба хонандагони рӯзнома.

-Дар фарҷоми сӯҳбат ба таваҷҷуҳи хонандагони рӯзнома мерасонам, ки ҳайати шахсии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳаррӯзаи худро бахри иҷрои намунавии вазифаҳои хизматӣ равона намуда, кӯшиш ба он дорад, ки бо хизмати содиқона, ба ҳуфтаи Шоири халқии Тоҷикистон Сафармуҳаммад Айюбӣ «Горди миллӣ - чеҳраи ҳомиёни Ватан» ҳамеша сазовор бошад.

Бо истифода аз фурсати муносиб ҳамватанони азизро аз номи Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳайати шахсии он бо санаҳои фархундаи 21-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, 20- солагии Иҷлосияи XVI таъриҳии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик мегӯям ва бароянҳои тани сиҳату саодати рӯзгор ва дастовардҳои нави меҳнатию хизматӣ таманно мекунам.

-Ташаккур барои сӯҳбати самимӣ.

Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»

● Мактаб ва ҷомеа

ДАР ХАРИДОРИИ КИТОБУ ДАФТАР БАҲСУ МУНОЗИРА МЕБОЯД, НА БАРОИ САРУЛИБОС

Чанд сол боз дар арафаи оғози соли нави хониш мекӯшам то ба диду назари тоза ба вазъи омодагии мактабҳои шаҳру навоҳии минтақа аз наздик шинос шавам. Ин навбат мо бо чанд тан аз ҳамкасбони хеш аз мактабҳои ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Восеъ ва шаҳри Кӯлоб дидан кардем.

Дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мо синфхонаҳо, утоқҳои фаннӣ ва даҳлези атрофи кайҳо рангуборшуда ва тозаву озодаро мушоҳида намудем. Роҳбаладамон – мутахассиси шӯъбаи маорифи ноҳия Мирзо Ҳайдаров моро бо саркори таълимгоҳ шинос кардӣ шуд.

Муаллим Сайдаҳмад Вайсовро хуб мешиносам. Ду сол пеш, чун ҳозира, ки ба вазъи омодагиҳо ба соли нави хониш шинос мешудем, муаллим дар вазифаи ҷонишини мудири шӯъбаи маориф ифои вазифа мекарданд ва мушоҳида карда будам, ки ин кас велосипедсавор ҳолати таъмири мактабҳои ноҳияро месанҷиданд, - дасти саркори мактабро фишурда, гуфтам ман.

- Ҳозир ҳам воситаи нақлиёти ман ҳамон велосипед аст, - гуфтанд дар ҷавоб муаллим.

Дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 17, ки аз мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 1 дар масофаи на чандон дур қарор дорад, касеро пайдо карда натавонистем. Бо вучуди ин қисмати дохилу беруни мактабро аз назар гузаронида, вазъи омодагии онро бо мактаби рақами 1 муқоиса кардему ба хотирамон ҳамон мақоли машҳури «як бомуду ҳаво» расид. Фарқ аз замин то осмон буд. Бо хотири ранҷида роҳамонро идома додем.

Дар гардиши роҳи шӯъбаи маориф бо саркори литсейи ноҳия Пираҳмад Табаров вохӯрда, изҳори матлаб кардем.

- Литсейи мо ба соли нави хониш кайҳо боз омода аст,- гуфтанд устод бо ифтихор. Табиати устод, ки бароям ошно буд, аз оҳанги суханаш мазмун гирифта гуфтам: - Наход, ки соли нави хониш дар бинои нав оғоз гардад?!

- Ана ҳамин хел мешавад, додар. - Дар синни 70 расида бошем ҳам, шукр, ки ғайрати ҷавониамонро аз даст надодаем,- шӯхиомез суоламро тасдиқ карданд муаллим.

Ҳамон рӯз ба ноҳияи Восеъ омадем ва аз мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 17, 4, 37 ва 5 дидан намудем.Мутаассифона, дар ду мактаби аввал касеро пайдо карда натавонистем. Ҳатто дар мактабҳои мазкур дидани посбонҳо низ муяссарамон нагардид. Посбони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 5 дар ҳузури саркори мактаб, аз он арзи норозигӣ менамуд, ки сокинони деҳа нисбати заҳмати кормандони мактаб беэътиборию беэҳтиромӣ карда,ҷорвояшонро дар ҳудуди мактаб мечаронанд. Дар сурати ба амали номатлубашон монеъ шудан ҳатто таҳдиду зӯроварӣ мекунанд, - гуфт ӯ.

То ба шӯъбаи маорифи ноҳияи мазкур омадан мо ба ҳолати омодагии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 31 шинос гардидем. Ин ҳамон мактабест, ки тӯли 4-5 соли охир аксар рӯзномаҳову шабакаҳои телевизионии маҳаллию ҷумҳуриявӣ сари бинои фарсудаву садамавии он бонги изтироб мезананд. Хуб дар хотир дорам, ки ду сол қабл ҳафтаномае зери сарлавҳаи «Мактаби асри ХХ1» бо истеҳзо сурати бинои мактабро манзури масъулону хонандагон намуда буд. Баъди он ба таври таъҷилӣ сохтмони бинои мактаб шӯрӯъ гардид ва хонандагони мактабро дар клуби кӯҳнаи колхози собиқ ҷой карданд.

- Беш аз як сол мешавад, ки кори сохтмон қатъ гардидааст. Зимистони сарду серборишӣ соли гузашта аллакай кори худро кардааст,- шикоят намуд директори таълимгоҳ Абдулҳаким Сатторов. -Деворҳои аз хиштҳои бесифат бардошташудаи мактаб аз таъсири барфу борон рехта, бинои нимсохт вазъи садамавӣ гирифтааст.

Сабаби қатъ гаштани сохтмони мактабро саркори он дар набудани тарҳи (лоиҳаи) сохтмони бино медонад. Ба гуфти А.Сатторов сохтмончиён корро дар сурате идома медиҳанд, ки агар аз ҷониби мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия тарҳи сохтмон омода ва ба онҳо пешниҳод гардад.

Кас дар тааҷҷуб мемонад, чӣ гуна сохтмончиён бидуни тарҳ нисфи корро ба анҷом расонида бошанд ва чаро тарҳи сохтмон дар нисфи кор зарур шуда бошад?! Шахсан ман аз он дар тарсу ҳаросам, ки боз ҳамон амали номатлуби ба ақли солим рост намеомадаи нимаи аввали солҳои 90-ум такрор наёбад. Чанд сол пеш сари ҳамин мавзӯъ навишта будем, ки сокинони деҳа бинои мактаби замонавии нимсохти дуошёнаро, ки бунёди он соли 1991 шурӯъ гардида буд, гасб карда, аз ҳисоби ин бинои нимтайёри мактаб ба худ хонаҳои истиқоматӣ сохтанд.

Зимни шиносоӣ бо ҳолати омодагии интернати хонандагони болаёқати деҳаи Кадучии деҳоти ба номи Мирзоалӣ Вайсов оғаҳӣ ёфтем, ки дар таълимгоҳи мазкур машғулиятҳои фаннии омӯзгорони макотиби деҳоти ба номи Рӯдакӣ, ба номи Худоёр Рачабов ва деҳоти мазкур баргузор гашта истодааст. Ҳамроҳи роҳбаладон ва ҳамкасбамон аз телевизиони вилоятии «Ҳатлон» вориди утоқҳое шудем, ки ба қавли худи омӯзгорон машғулиятҳои сексионӣ идома доштанд, аммо шумораи омӯзгорон хеле кам ба чашм расид.

Таассуфовартар бароямон дидани ҳолати омодагии мактаби замоне шӯҳратёри рақами 6 гардид. Вазъи синферо мебинем, ки дар бари дари он гӯшаи суратҳои дастачамъонаи хатмкунандагони мактаб насб карда шудааст. Назарам ба беҳтарин сурати шоирону нависандагони кишвар бархӯрд ва ҳатто миёни хатмкунандагон сурати ашхосеро дидам, ки курсиҳои баланди ҳукуматиро дар ихтиёр доранд.

Аз сарвари мактаб Абдулло Ҷӯраев пурсидем, ки оё ҳамин синф барои соли нави хониш таъмир шудааст? Посухи муаллим моро қонеъ накард, зеро то оғози соли нави хониш камтар аз як ҳафта мондаасту дар тахтаи корношоями синф бо бӯр таърихи 12-уми июни соли 2012 қайд ёфтааст. Чун сарвари мактаб эроди моро шунида, изҳори норозигӣ кард, ба алафҳои аз зери фарши синф саркашида ишора кардем.

Партаҳои таъмирталабу рангнодида, дару тирезаҳои шикаста, деворҳои аз оҳак дупӯташуда ва ниҳоят дар ҳолати садамавӣ қарордоштаи бинои тахтагини мутааллиқ ба солҳои 60-уми асри ХХ мактабро дида, ҳамкасби лолмондаю дар банди тааҷҷуб дармондааамон нигоҳи хешро аз он ҳолати риққатовар дур накарда, аз сарвари мактаб пурсон шуд:

- Муаллим, магар дар соли нави хониш хонандагони шумо дар синфхонаҳои ҳамин бино мехонанд?

Аз сӯҳбат бо сарвари мактаб маълумамон гардид, ки барои омода намудани таълимгоҳ, ки дар он 967 нафар хонандагон ба таълим фаро гирифта шудаанд, аз ҳисоби буҷет як дирам ҳам ҷудо нагаштааст. Мактабро бо маблағи ночизи аз ҳисоби волидон ҷамъовардашуда, ки ҳамагӣ 1600 сомониро ташкил менамояд, таъмир кардаанд.Ин ҳолатро дида, бегумон ба андешаи кас суоли зайл мерасад: кӯҷо шуд он шӯҳрати қаблиат мактаб? Гумон мекунам, ки хатмкунандагони мактаб, минҷумла сокинони деҳаи Кадучӣ, аз ин суол сари номусу нанг меоянд ва дар таъмиру азнавсозии бинои мактаб саҳм меҳанд. Охир деҳаи Кадучиро вобаста ба шумораи зиёди адибонаш Шерози Хатлон ном мебурданд. Албатта, ёфт мешаванд шахсони бонангу номус ба мисли Садриддин Ҳасанзода. Бояд ёдовар шуд, ки нахустин шуда, хатмкунандаи мактаб, адиб ва рӯзноманигори шинохта Садриддини Ҳасанзода сари нанг омад ва соли хониши гузашта бо маблағу роҳнамоии бевоситаи ӯ мактаби маҳалла таъмир ва панҷ синфхонаи иловагӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Шояд ҳолати ногувори имрӯзаи мактаб ба фаъолияти мудири шӯъбаи маориф Муҳаммад Давлатёров, ки мавсуф низ хатмкунандаи мактаби мазкур маҳсуб меёбад, дигаргуниеро ворид созад.

Ин сатрҳоро менависаму дарёдилии шогирди мактаби рақами 6-и ноҳияи Фарҳор - Диловар Муҳиддинов пеши назар меояд, ки дар Москва кору зиндагӣ мекунад, аммо барои мактаби хатмкардааш, ки воқеан ҳам ифтихори фарҳориён аст, ба маблағи беш аз як миллион доллари амрикӯ бинои нави иловагӣ сохта истодааст ва ҳоло он дар арафаи анҷомёбист.

Аз дидани кори таъмиру омодагиҳои мактаби рақами 28 воқеан ҳам хушҳол шудем.

Маълумамон гардид, ки дар қатори мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 6 боз 23 мактаби дигари ноҳияи Восеъ барои таъмир аз ҳисоби буҷет, ягон дирам нагирифтаанд. Барои таъмиру омодагӣ ба мавсими нав тамоми муассисаҳои таълимӣ, ки шумораи хонандагонашон дар маҷмӯъ беш аз 40000 нафарро ташкил мекунад, то рӯзи 23-юми август ҳамагӣ 320 694 сомониро аз худ кардааанду халос. Бояд гуфт, ки дар ҷудо нагардидани маблағҳо барои таъмир дар навбати аввал худи директорон гунаҳгоранд, зеро онҳо ҳангоми нақшабандӣ маблағи ба ин самт лозимаро, бо сабабҳои маълум ба нақша нагирифтаанд.

-Гумон мекунам, ки сабаби дар машварати имрӯзаи маорифчиёни вилоят иштирок накардананатон шояд ҳамин гурӯҳи ҷавонони дар саҳни идораву пушти даратон рафтуодошта бошад,- мепурсам аз мудири шӯъбаи маорифи шаҳри Кӯлоб Давлат Амиров.

- Дуруст пай бурдед.Чанд рӯз боз ба масъалаи ҷобаҷогузории мутахассисони ҷавон андармонам. Танҳо ба шӯъбаи маорифи шаҳри мо аз ҳисоби донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва коллеҷҳои кишвар 555 нафар хатмкунандагон барои кор роҳҳат гирифтаанд. То имрӯз 165 нафари онҳоро ҷо ба ҷо намудем. Дар ин кор мушкилие аз ҷониби мо вучуд надорад. Мутаассифона, мушкилиро хатмкардагон пеш меоранд.Ҳамаи ба кор омадагон аз худ як ҳоҳишу талаб доранд: яъне онҳоро ҳатман дар мактаби маҳаллаи худ бояд бо кор таъмин намоем.Аз як маҳалла то 40-50 нафар хатмкунанда омадааст, ҳол он ки дар он мактаб аз 5 то 6 нафарро ба кор қабул кардан мумкин асту халос. То ҳол қисмати зиёди хатмкардагон мурочиат накардааанд. Сарфи назар аз надоштани талаботи кадрӣ ва ё худ мурочиат накардани хатмкунандагон, албатта, ба суроғаҳои онҳо ба таври расмӣ занг зада, ба кор даъваташон мекунем. Ин вазифаи мост. Дигар худашон медонанду ҳамон шартномаҳои сеҷонибаашон.

Баъди сӯҳбат бо мудири маориф ва вобаста ба ҳамон шарти қабулшуда ба мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 53 омадем ва директори ҷавон Рухшона Восиева моро ба вазъи омодагии мактаб ошно намуд. Маблағи барои таъмир ҷудонамуда 52 ҳазор сомониро ташкил мекунад. Тавассути ин маблағ ва бо истифода аз хизмати яке аз корхонаҳои сохтмонӣ бо номи «Султон» деворҳои қисмати берунии мактаб рангубор карда шудааст.

Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 10- и деҳоти «Кӯлоб» қаблан аз қабили он мактабҳое буд, ки ҳамеша ҳолати нохуб думболагираш буд. Ибтидои соли хониши сипаришуда мо дар мактаби мазкур ҳузур доштем ва тавассути рӯзнома эродҳои худро манзури масъулину хонандаҳо карда, умед ба он баста будем, ки фаъолияти мактаб беҳбудӣ меёбад. Ғайричашмдошт ин дафъа мактабро дар ҳолати хуб дарёфтем. Директори тозаинтихоби он Қаламнисо Сайдалиева дар кори таъмир ва омода намудани мактаб тавассути харочоти ҳафт ҳазор сомонии аз буҷет гирифтааш ба соли хониши ҷорӣ воқеан ҳам ҷаҳду талоши зиёде ба харҷ додааст.

-Танҳо таъмири деворҳои беруни ҳамин бино мондааст, албатта, дар давоми ду се рӯзи охир онро ба итмом мерасонем,- мегӯяд мудири хоҷагии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 25 муаррифӣ намуд. Маълум гардид, ки бо харҷи 16000 сомонӣ мактаби мазкур ба соли нави хониш омода карда шудааст.

Сарвари мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 12 Саидакбар Шарифов моро ба корҳои басубутрасонидаи омӯзгорони ин дабистон шинос карда, бо ифтихор гуфт:

- Фарзандони рӯзноманигор - шодравон Қувваталӣ Холов бо истифодаи 52 ҳазор сомонӣ дар назди мактаб китобхонаи замонавӣ бунёд намуданд. Мақсад дорем, ки китобхонаи шахсии устодро низ бо тамоми дастнависҳояш ба ин ҷо кӯчонда, онро ба номи устод номгузорӣ намоем.

Оё омодагии волидон ба соли нави таҳсил қаноатбахшкунанда аст?

Барои посухи ин суол вориди бозорҳои минтақа мешавем. Воқеан ҳам имрӯзҳо бозори дӯкону растаҳои сарулибосфурӯшии кӯдакону наврасони синни мактабӣ хеле гарм аст. Фарзандону волидон пасопеш барои азизони худ беҳтарин сарулибосҳоро то ҷузвдонҳои хушрангу зебо интихобу харидорӣ мекунанд. Мутаассифона, кам касонеро мебинем, ки дар пеши дӯконҳои китобу дафтарфурӯшӣ истода, маводи таълимӣ харидорӣ намоянд. Ҳатто шунидани номи қаламу дафтар ба ёди касе намерасад.

Тавре дар ин маъракаи омодагӣ мушоҳида мекунем, гӯё мо фарзандонро ба соли хониш не, балки онҳоро ба намоиши кадом озмуни муд омода карданием. Эҳсос мекунем, ки аллакай дар харидории сарулибосҳои мактабӣ баъзе волидони ба қавле «доранда»-и мо ба як мусобиқаи нави беунвон пардохтаанд.

Рӯзи аввали соли хониш ё худ дар Рӯзи дониш бо ҷузвдонҳои тиҳии аз китобу дафтар ба мактаб ҳозир шудани хонандагон 12 сол боз, яъне аз замони бо усули иҷоравӣ дастраси муҳассилин гардидани китоб, ба ҳукми «расмият» даромадааст. Ба андешаи мо, дар рӯзи аввали соли хониш бидуни китоб ба мактаб омадан ба ҳамон хишти нахуст каҷмондаи меъмор шабоҳат дорад, ки анҷоми нек пайгираш нест.

Кайҳо ин усул вазифаи хешро адо кардааст. Дар мактабҳо маҳз бо «шарофат»-и ҳамин усули иҷоравии китобҳо тӯли тамоми соли хониш баҳси хонанда бо роҳбари синф, роҳбари синф бо саркори мактаб, саркори мактаб бо мудири маориф ва дар ниҳоят баҳси мудирони маориф то ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сари ҷамъоварии маблағи иҷораи китобҳо сурат гирифта, ҳеҷ не, ки ба анҷом расад.

Хулоса, вазъи имрӯзаи зиндагии мардум худ шаҳодати равшани он гаштааст, ки дигар мо ба ин усул ҳеҷ гуна эҳтиёҷе надорем. Бигузор китобҳои дарсӣ ба шакли озод ба савдо бароварда шаванду волидону фарзандон маҳз дар харидории ин сарвати бузург дар баҳсу мусобиқа бошанд.

Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ,
«Садои мардум»

● Омӯзгорони писандида

ИҚБОЛУ ДАВЛАТУ ШАРАФАТ МУСТАДОМ БОД



Олими шинохтаи тоҷик, Корманди шоистаи Тоҷикистон, Аълочии маорифи СССР профессор Нурулло Усмонов ба синни мубораки 75 расид.

Устод аз ҷумлаи он олимон ва омӯзгоронест, ки дар нимаи дуюми асри ХХ ва аввали асри ХХ1 дар ҷодаи илму фарҳанги халқи мо ва хусусан дар тарбияи мутахассисони замона саҳми сазовор гузоштаанд.

Агар хоҳед, ки олиму мутафаккирро хубтар биомӯзед, бо диёр, бо табиату манзараи диёраш ва мардуми он, бо анъанаю тамаддуни аҷдодон, ки сарчашмаи илҳоми олиманд, шинос шавед.

Зодгоҳаш деҳаи Панҷрӯди шаҳри Панҷакент мебошад. Ин ҳамон деҳаест, ки султони шоирони тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро ба воя расонидааст.

Устод айёми бачагиашро дар деҳаи Панҷрӯд гузаронида, баъди хатми мактаби миёна ба Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ) дохил мешавад. Соли 1961 донишгоҳро бомуваффақият хатм мекунад ва фаъолияти кориашро аз кафедраи «Анализи математикӣ»-и ҳамин донишгоҳ оғоз намуда, солҳои дароз он ҷо ба ҳайси устод, мудири кафедра ва декани факултети «Математика» фаъолият менамояд.

Ҳоло профессор Нурулло Усмонов дар Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳайси профессори кафедраи «Математика ва фанҳои табиатшиносӣ» кор ва фаъолият дорад.

Вай дар тӯли зиндагии хеш роҳи пуршебу фарози илмро тай карда, бо асарҳои офаридаи худ дар ташаккули илму маориф ва ба воя расонидани олимони тоҷик хизмати босазо намудааст.

Дар давоми фаъолияти илмиаш зиёда аз 150 мақолаи илмӣ – методӣ ва даҳ китоби дарсӣ ба табъ расонидааст. Маҳз самараи меҳнат ва хизматҳои шоистаи устод буд, ки имрӯз шогирдонаш номи ӯро бо эҳтиром ва самимият ба забон меоваранд.

Нурулло Усмоновро ҳамчун олими боистеъдоду нуктасанҷ мешиносанд ва ҳурмату эҳтиром менамоянд. Мақолаҳои илмӣ, дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва баромадҳову суханрониҳояш дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ шӯҳрати ӯро боз ҳам афзун намудаанд.

Ба доктори илмҳои физика ва математика профессор Нурулло Усмонов болидагии рӯҳ, серғайратӣ, солорӣ ва дар тарбияи ҷавонон бурдбориҳо таманно дорем.

Ё Раб, камоли офиятат бардавом бод,
Иқболу давлату шарафат мустадом бод.
Солу маҳат мубораку рӯзу шабат ба хайр,
Бахтат баланду гардиши гетӣ ба ком бод!

З.БУРҲОНОВ,
мудири кафедраи «Математика ва фанҳои табиатшиносӣ»-и Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Дар Театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи КамолиХуҷандии шаҳри Хуҷанд дар арафаи оғози соли нави таҳсил ва ҷашни Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон машварати омӯзгорони шаҳру ноҳияҳои вилоят баргузор гардид. Дар даромадгоҳи театр дастовардҳои соҳаи маорифи вилоят ба маъраз тамошо гузошта, қабл аз чорабинӣ навори ҳуҷҷатӣ намоиш дода шуд. Дар машварат намояндагони муассисаҳои таълимии вилоят, устодону омӯзгорон ва собиқадорони соҳаи маориф ширкат варзиданд. Раиси вилояти Суғд Қоҳир Расулзода суханронӣ намуда, ба кормандони пешқадами соҳа сипоснома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим кард.

Сатҳи таълиму тарбия баланд гардад ҳам, ҷиноятқории наврасон нигаронкунанда аст,

-зикр гардид дар машварати омӯзгорони вилояти Суғд

-Имрӯзҳо инкишофи соҳаи маориф ҳамчун яке аз воситаҳои асосии пешбарандаи ҷомеа дар маркази таваҷҷуҳи Президенти мамлакатамон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст ва баҳри рушду нумӯъ ва вусъат бахшидан ба раванди ислоҳоти соҳа аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии вилоят тадбирҳои судманд андешида мешаванд, - изҳор дошт Қоҳир Расулзода.

Маблаггузории соҳа баробари афзудани даромади буҷет боло рафтааст. Соли ҷорӣ ба соҳаи маориф равона сохтани 43,6 фоизи даромади буҷети вилоят (266 миллиону 918,7 ҳазор сомонӣ) ба нақша гирифта шудааст. Дар давоми панҷ соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо мактабу синфхонаҳои иловагӣ барои наздик 27 ҳазор нафар хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Аз ҷумла барои зиёда аз 10 ҳазор нафар хонанда сохтани синфхонаҳо аз ҳисоби Мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии вилоят маблаггузорӣ гардид.

То охири соли ҷорӣ дар вилоят боз 73 мактаб ва синфхонаҳои иловагӣ сохта мешаванд. Аз ин миқдор 16 адади он мактабҳои нав мебошанд.

Солҳои охир барои дастгирии кӯдакони ятиму бепарастор аз оилаҳои камбизоат ва хонандагони лаёқатманд эътибори бештар дода шуда истодааст. Давоми се соли охир барои ташкили солимгардонии онҳо дар лагерҳои тобистонаи беруназшаҳрӣ аз ҳисоби буҷети вилоят зиёда аз 86 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо шудааст.

Соли 2011 истироҳатгоҳи солимгардонии кӯдакону наврасон ва ҷавонон ба номи «20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон» дар мавзеи хушманзараи ноҳияи Ҷаббор Расулов сохта, ба истифода дода шуд. Имсол, аввалин маротиба дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон 336 нафар кӯдакону наврасон дар таътили зимистона дар ду баст ба истироҳат фаро гирифта шуданд.

Ду сол инҷониб дар вилоят Мактаб-интернати махсусгардонидашудаи президентӣ барои хонандагони лаёқатманд фаъолият намуда, дар таълиму тарбияи насли наврас ба муваффақиятҳои калон ноил мегардад. Соли ҷорӣ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон хобгоҳ барои 300 нафар хонанда дар вазъияти тантанавӣ ба истифода дода шуд. Ин имконият медиҳад, ки хонандагони лаёқатманд аз тамоми гӯшаю канори вилоят ва ҷумҳурӣ ба таълиму тарбияи босифат дар ин боргоҳи маърифат фаро гирифта шаванд.

Дар соли хониши гузашта дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ аз вилояти Суғд 153 нафар хонандагон ширкат варзида, ба гирифтани 94 ҷой, аз ҷумла 17 ҷойи якум, 32 ҷойи дуюм ва 45 ҷойи сеюм сазовор гардиданд.

Дар олимпиада хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Исфара, Панҷакент, Истаравшан, Мактаб-интернати махсусгардонидашудаи президентӣ барои хонандагони лаёқатманди шаҳри Чкалов бештар ғолибият ба даст оварданд.

Алҳол дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилоят 31996 нафар омӯзгорон фаъолият менамоянд. Сол аз сол миқдори омӯзгорони таҳсилоти олидор ва дорои тахассуси дарачаи олидошта меафзояд. Айни замон дар мактабҳои вилоят ба таълиму тарбияи насли наврас 553 нафар дорандагони мукофотҳои давлатӣ, 1845 нафар дорандагони нишони Аълочии маорифи Тоҷикистон машғуланд.

Ҳар сол наздик ба 45 ҳазор нафар хонандагон дорои таҳсилоти ҳатмии асосӣ ва 23 - 25 ҳазор нафар наврасон дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ мегарданд.

Қоҳир Расулзода ҳамчунин аз камбудӣ ва масъалаҳои ҳалталаби соҳа ҳарф зада, нарасидани ҷойи нишасти хонандагон ва кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ, китобҳои дарсӣ, маводи таълимӣ, асбобҳои аёнӣ, мизу курсӣ ва дитабӣ ва мактаб-интернатҳоро таъкид кард.

-Таъмини ичрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки ҳадафи он дуруст ба роҳ мондани тарбияи насли наврас мебошад, бахусус аз ҳар як нафар омӯзгор масъулияти чиддиро тақозо дорад, - зикр намуд раиси вилоят. - Зеро нақши омӯзгор дар тарбияи насли наврас ва эҷоди ҷомеаи солим амику барчаста аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки робитаи мустаҳками мактабу волидайн на дар ҳама мактабҳо ба назар мерасад.

Масъалаҳои паст будани сифати таълим, коста гардидани ахлоқи ҷавонону наврасон, гаравидани онҳо ба ҳар гуна ҳаракатҳову равияҳои бегонаи динию мазҳабӣ ва ба ҷиноятқорӣ даст задани иддае аз онҳо набояд моро бетараф гузорад.

Чунончӣ, дар давоми ҳафт моҳи соли ҷорӣ аз тарафи ноболиғон 89 ҷиноят, 27 ҳодисаи худкушӣ ва сӯиқасд ба он ба қайд гирифта шуда, ҷиноятсодиркунӣ аз ҳама бештар дар шаҳрҳои Хуҷанд - 23 нафар, Исфара-19 нафар ва ноҳияи Б.Ғафуров- 13 нафар ба қайд гирифта шудааст.

Мухтори АБДУЛЛО,
«Садои мардум»

Истеҳсоли меваю ангур зиёд мешавад

ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум») Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва корхонаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ ҷамъоварии меваю ангур босуръат идома дорад. Тибқи маълумоти фаврии Раёсати растанипарварии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин дам баробари 54 фоизи нақшаи солона ва ё нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 23875 тонна зиёд мева ҷамъоварӣ шудааст.

Дурнамои истеҳсоли ангур дар ҷумҳурӣ 49345 тоннаро ташкил медиҳад. То имрӯз 23102 тонна ангур ҷамъоварӣ шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 4340 тонна зиёд аст.

Вусъати кишти такрорӣ

СУҒД. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум») Кишоварзони вилояти Суғд ният доранд соли равон дар майдони 20600 гектар кишти такрории зироатҳои полезиро гузаронанд. Тибқи маълумоти Сарраёсати кишоварзии вилоят то ин дам дар майдони наздик ба 20 ҳазор гектар кишти такрорӣ гузаронида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд мебошад.

Кишоварзони шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Истаравшан, Айнӣ, Спитамен, Бобоҷон Ғафуров, Ашт ва Мастчоҳ аллакай нақшаи кишти такроириро иҷро кардаанд.

Беморхона соҳиби дастгоҳи муосири тиббӣ гардид

КӮЛОБ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум») Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар беморхонаи вилоятии рақами 2, бо номи «Гемодиализ» дастгоҳи гаронарзиши муосири муоинавии истеҳсоли ҷопонӣ насб гардид. Алҳол дастгоҳи мазкур дар ҳудуди вилояти Хатлон аввалин ва ягона маҳсуб меёбад. «Гемодиализ» таҳҳизоти муоинавӣ барои маризони гирифтори бемории гурда буда, тавассути он иллати беморӣ муайян ва роҳҳои табобат мушаххас карда мешавад.

Барои идора кардани ин таҷҳизоти муосири тиббӣ чанд нафар табибон дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд таҷрибаи корӣ омӯхта, алҳол ба таври мустақилона ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Мактабҳои вилоят ба соли таҳсил омодааанд

ХОРУҒ. (Ш. ШОҲТОЛИБ, «Садои мардум») Маорифчиёни Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба соли нави таҳсил пурра омода шудааанд. Ҳамаи 315 мактаби вилоят аз таъмир бароварда, бо таҷҳизоти зарурӣ ва ашёи хониш муҷаҳҳаз гардиданд. Дар арафаи соли нави таҳсил дар ноҳияи Рӯшон мактаби президентӣ барои 640 нафар хонанда ва литсейи касбии маъюбон ба истифода дода шуд. Сафи муаллимони таълимгоҳҳои вилоят аз ҳисоби 210 нафар омӯзгорони ҷавон, ки бо роҳхати Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шудааанд, пурра гардид. Қисми зиёди омӯзгорон бошанд, аз курсҳои такмили ихтисос гузаштанд.

Донишҷӯ шуданд

ТОҶИКОБОД. (М. РИЗВОНОВ) Соли ҷорӣ 29 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Тоҷикобод тибқи квотаи президентӣ донишҷӯ шуданд.

–Акнун даҳ нафар духтарон ва 19 нафар писарони ин ноҳияи кӯҳистон, ки мактабро бо баҳои хубу аъло хатм намуда буданд, таҳсилро дар донишкадаю донишгоҳҳои олии шаҳри Душанбе идома медиҳанд,- гуфт мудири Шӯъбаи маорифи ноҳияи Тоҷикобод Зебо Иматова.

Либосҳои мактабӣ пешкаш гардид

ХУҶАНД. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум») Дар доираи омодагӣ ба соли нави таҳсил аксари мактабиёни вилояти Суғд ба либоси ягонаи мактабӣ мегузаранд. Ҷамъияти саҳомии масъулияташ маҳдуди «Текстил-Сити»-и шаҳри Хуҷанд ба хонандагони шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Исфара, Бобоҷон Ғафуров, Чкалов дар арафаи соли нави таҳсил беш аз 8 ҳазор адад либоси ягонаи мактабӣ дӯхта, пешниҳод кард. Арзиши либоси ягонаи мактабӣ, вобаста ба синну соли мактабиён, аз 57 сомонӣ то 63 сомонӣ буда, сад фоиз аз матои пахтагин омода шудааст, ки барои саломатии хонандагон фоиданок мебошад.

Таҷдиди мактаб баъд аз 20 сол

ВОСЕЪ. (Т. ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум») Солҳои навадум бар асари нооромиҳои кишвар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии деҳаи Анористони деҳоти ба номи «Рӯдакӣ»-и ноҳияи Восеъ вайрону валангор гашта буд. Фарзандони меҳнаткашон ҳар сол дар вагонҳо ва синфхонаҳои таъмирталаб таҳсил мекарданд. Ниҳоят, дар арафаи соли нави таҳсили 2012-2013 ин таълимгоҳ аз нав таҷдид гардида, намуди зебо гирифт. Мувофиқи лоиҳа бинои мактаб ва қитъаи атрофи он чор гектарро ташкил мекунад. Акнун якуми сентябри соли ҷорӣ тантанаҳои «Рӯзи дониш» дар таълимгоҳи нав баргузор хоҳад гардид. Дар таълимгоҳ дар як баст 620 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта мешавад.

Муассисаҳои таълимии типи нав зиёд мешаванд

ИСФАРА. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум») Хонандагони мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 63-и деҳоти «Сурх» соли нави хонишро дар бинои нави таълимгоҳ пешвоз мегиранд. Дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд низ дар раванди омодагӣ ба соли нави таҳсил бинаҳои нави таълимӣ бунёд гардида ва ё хушсифат таъмир карда шуданд. Дар вилоят солҳои охир ташкили муассисаҳои таълимии типи нав, аз ҷумла литсею гимназияҳо ривоҷ ёфтааст. Чунончӣ, дар панҷ соли охир миқдори чунин таълимгоҳҳо 14 адад афзуда, ҷамъ ба 70 адад расидааст. Дар ин таълимгоҳҳо қариб 33 ҳазор нафар наврасон ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд.

Беҳтарин довталабон донишҷӯйи коллеҷ шуданд

РАШТ. (М. РИЗВОНОВ) 50 нафар довталабон аз ноҳияҳои минтақаи Рашт ба шӯъбаи ғоибонаи филиали Коллеҷи фарҳанги ба номи П. Бӯйдоқови ноҳияи Рӯдакӣ дохил шуданд. Ин филиал, бинобар нарасидани кадрҳои соҳаи китобдорӣ ва ташкилотчии муассисаҳои фарҳангиву фароғатӣ дар минтақаҳои дурдаст дар шаҳраки Ғарм таъсис дода шуда буд. Имтиҳоноти қабул бо иштироки намояндагони коллеҷи мазкур бевосита дар маркази ноҳияи Рашт баргузор шуд.

Бинои нави филиали ҶСК «Агроинвестбонк»

МАСТЧОҲ. (М. АБДУЛЛО, «Садои мардум») Дар маркази ноҳияи Мастчоҳ – шаҳраки Бӯстон дар арафаи ҷашни 21- солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон иншооти навбунёд - бинои филиали ҶСК «

ҲНИТ БАҲОНАҶӮЙӢ МЕКУНАД

Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи қонун вазъи риояву иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ»-ро дар фаъолияти Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон (ҲХДТ), Ҳизби коммунистии Тоҷикистон (ҲКТ) ва Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон (ҲНИТ) мавриди санҷиш қарор дода, аз онҳо талаб намуд, ки қонуншиканиҳои дар фаъолияташон ошкоршударо бартараф намуда, аз натиҷаш ба Прокуратураи генералӣ хабар диҳанд.

ҲХДТ ва ҲКТ камбудиҳои ошкоршударо муҳокима намуда, чораандешӣ карда, дар мӯҳлати муқарраршуда ба мақомоти прокуратура хабар доданд.

Мутаассифона, аз тарафи роҳбарияти ҲНИТ бо ҳар гуна баҳонаҳо, бархилофи талаботи қонунгузорӣ то ба имрӯз оид ба қонунвайронкуниҳои дар фаъолияти онҳо ошкоршуда тадбирандешӣ карда намешавад.

Тибқи муқаррароти моддаи 93 Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 1 Қонуни конституционии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро дар қаламрави Тоҷикистон Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он дар доираи ваколати худ татбиқ менамоянд.

Гузашта аз ин, мувофиқи талаботи моддаҳои 4, 5, 23 Қонуни конституционии мазкур вазифаҳо ва салоҳияти мақомоти прокуратура аз таъмини волоияти қонун, назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо аз ҷониби вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шакли моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқат намудани санадҳои ҳуқуқии идоравие, ки онҳо қабул мекунанд, иборат мебошад.

Санҷишҳои прокурорӣ дар фаъолияти ҲНИТ камбудию қонунвайронкуниҳоро ҳангоми ба узвияти ҳизб қабул намудани шаҳрвандон дар бахшҳои ҳизбии шаҳру ноҳияҳо ошкор намуд.

Чунончӣ, тайи солҳои 2010 – 2011 бо қарорҳои бахши ҳизб дар шаҳри Исфара ба узвияти он 600 нафар қабул шуда бошад ҳам, дар ин хусус танҳо нисбат ба 80 нафар мавод мавҷуд ҳасту халос.

Гузашта аз ин, дар асоси қарорҳои ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии шаҳрию ноҳиявӣ аз 26 январи соли 2010 – 24 нафар, 26 марти соли 2011 – 27 нафар, 17 апрели соли 2011 – 27 нафар ва 21 майи соли 2011 – 28 нафар шаҳрванд ба узвият қабул шуда бошанд ҳам, дар қарорҳо танҳо теъдоди аъзо дарҷ гардида, ному насаби онҳо нишон дода нашудааст.

Тибқи муқаррароти Оиннномаи ҳизб ҳар як узви он вазифадор аст, ҳар моҳ ҳаққи аъзогиро пардохт намояд. Вале санҷиш нишон дод, ки зиёда аз 320 нафар узви ҳизб, ки сокинони шаҳри Хуҷанд мебошанд, дар давоми чанд сол ҳаққи узвиятро пардохт накарда бошанд ҳам, то ҳол масъалаи аз узвият хориҷ кардани онҳо мавриди баррасӣ қарор дода нашудааст. Ҳол он ки мувофиқи Оиннома иҷро накардани муқаррароти он яке аз асосҳои қатъ кардани узвият дар ҳизб мебошад.

Чунин ҳолатҳои сарфи назар кардани талаботи Оиннома танҳо ба мақсади зиёд нишон додани шумораи аъзои ҳизб ба амал бароварда мешавад.

Айнан ҳамин тавр, аъзои бахши ҳизб дар шаҳри Хоруғ низ мӯҳлатҳои тӯлони аъзоҳаққӣ намесупоранд. Мувофиқи гуфтаи раиси бахши ҲНИТ дар шаҳри Хоруғ Ш. Карамхудоев ягон маблағ аз ҳисоби аъзоҳаққӣ ба ҳизб насупоридааст, баръакс, кормандони бахшҳои ҳизб дар шаҳри Хоруғ ва гирду атрофи он тавассути ӯ ҳар моҳ 600 somonӣ аз ҳисоби ҲНИТ мегирифтаанд.

Дар шаҳри Роғун ҳанӯз соли 2008 бахши ҳизби мазкур ташкил шуда, сарвари он Р. Тоҳиров интихоб гардида бошад ҳам, дар асл номбурда зиёда аз ду сол инчониб дар Федератсияи Россия қарор дошта, бо бахши ин ҳизб дар шаҳри Роғун алоқа надорад.

Ҳолатҳои зиёди аз тарафи ҳизб риоя накардани талаботи қонунгузории андоз, аз қабили ҳамчун андозсупоранда ба қайд гирифта нашудани бахшҳои шаҳрию ноҳиявии ҳизб ва дар ин замина насупоридани эъломияи андоз аз ҳисобот дар бораи фаъолияти молиявиашон ошкор карда шуд. Аз чумла бахшҳои ҳизб дар шаҳру ноҳияҳои Панҷакент, Конибодом, Шаҳристон, Хоруғ, Кӯлоб, Норак, Бохтар, Вахш, Данғара, Темурмалик, Балҷувон, Қумсангир, Панҷ, Ҷ.Румӣ, Қубодиён, Ҷиликӯл ва Шаҳринав ҳамчун андозсупоранда ба қайд гирифта нашуда, ба мақомоти андоз ҳисобот пешниҳод накардааанд.

Дар баробари ин, дар чумҳурӣ ҳолатҳои аз тарафи аъзои ҳизби мазкур содир намудани чиноятҳо низ ҷой доранд.

Бахусус аз тарафи аъзои ҲНИТ дар давоми солҳои 2009-2012 содир намудани яқ силсила чиноятҳои вазнин ва махсусан вазнини дорои хусусияти экстремистию террористӣ ба қайд гирифта шудааанд.

Дар ин давра 11 нафар аъзои фаъоли ин ҳизб, аз чумла чор нафар дар вилояти Хатлон, панҷ нафар дар Суғд ва ду нафар дар ноҳияи Рашт барои содир намудани чиноятҳо ба ҷавобгарии чиноятӣ кашида, бо ҳукмҳои судӣ маҳкум шудааанд.

Чунончӣ, сокинони деҳоти «Навгилем»-и шаҳри Исфара- бародарон Шариповҳо ва шаҳрванд А.Турсунов аз соли 2000-ум узви ҲНИТ буда, бо даъвати аъзои фаъоли иттиҳоди чиноятии «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» А.А.Қаюмов созиши чиноятӣ баста, бо маслиҳати ӯ ба ин иттиҳоди чиноятии зери ниқоби дини мубини ислом пинҳонӣ амалкунанда, ки мақсади ниҳояиш бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатҳои демократии дунявӣ дар қаламрави Осиёи Миёна мебошад, аъзо шуда, дар гурӯҳи мусаллаҳи устувор иштирок ва ба иттиҳоди чиноятӣ шомил гашта, ба содир намудани чиноятҳои вазнин даст задаанд ва барои чиноятҳои содирнамудаашон аз ҷониби суд маҳкум шудааанд.

Айнан ҳамин тавр, дар натиҷаи андешидани тадбирҳои фаврию чустучӯйӣ узви ҳизб Ф.Т. Рӯзибоев- сокини шаҳри Истаравшан, ки ба тарғиботу ташвиқоти ифротгаройӣ машғул буд, бо аъзо ва тарафдорони гурӯҳи террористии «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон»-и шаҳри Исфара дастгир гардида, нисбат ба ӯ ва ҳаммаслаконаш аз тарафи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо моддаи 307 Кодекси чиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи чиноятӣ оғоз ва пешбурди тафтишот ба анҷом расонида, аз ҷониби суд маҳкум карда шудааанд.

Ё ин ки Ҳ.М. Давлатов ба сифати ноиби раиси шӯъбаи Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Рашт фаъолият намуда, тобистони соли 2009 дар асоси маслиҳати пешакӣ бо бародараш А. М. Давлатов бо лақаби «Алии Бедакӣ» ба иттиҳоди чиноятии экстремистию террористии ташкилнамудаи ӯ, ки он бо мақсади содир намудани чиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин таъсис шуда буд, ба ҳайси «таъминотчӣ» шомил мегардад.

Баҳри кӯмак расонидан дар амалӣ намудани мақсадҳои чиноятпешаи ин иттиҳод Ҳ.М. Давлатов барои аъзои дастаи бародараш А.М. Давлатов маводи хӯрока, либосҳои ҳарбӣ, ҳайма, банд ва дигар лавозимотро барои дастгирии будубоши аъзои иттиҳод дар дараи Камаров ва тайёрии ҷангии онҳо бар зидди қуввaҳои давлатӣ дастрас намудааст.

Илова бар ин, ӯ аввалҳои моҳи сентябри соли 2010 ҳангоми аз шаҳри Душанбе ба ноҳияи Рашт дастрас ва интиқол додани моддаҳои тарканда дастгир карда шуд.

Нисбат ба А.М. Давлатов ва шарикони ӯ парвандаи чиноятӣ оғоз гардида, баъди анҷоми пешбурди тафтиши пешакӣ онҳо бо ҳукми суд маҳкум карда шуданд.

Айнан ҳамин тавр аъзои фаъоли ҲНИТ, сокини деҳаи Новдонаки ноҳияи Рашт, вакили Ҷамоати деҳоти «Қалъаи Сурх» аз ҳисоби ҲНИТ Назриддини Сафарзод барои чиноятҳои экстремистӣ-террористи содирнамудааш бо ҳукми суд маҳкум шудааст.

Омӯзиши варақаҳои аз ҷониби ташкилоти экстремистии ғайриқонунии «Ҳизб-ут-таҳрир» омоданамуда, ки 18 октябри соли 2010 дар ноҳияҳои Сино ва Фирдавсии шаҳри Душанбе, дар назди биноҳои истиқоматӣ дарёфт шудаанд, нишон дод, ки гӯё аъзои ҳизбу ҳаракатҳо, ба монанди «Ал-қоида», «Салафия», «Ҷамъияти таблиғ», «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» ва Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи чумҳурӣ беасос дастгир ва ба ҷавобгарии чиноятӣ кашида мешаванд.

Ҷой додани Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон дар варақаҳои ташкилоти экстремистии «Ҳизб-ут-таҳрир» ҲНИТ-ро водор менамояд, ки бо ташаббуси кӣ рух додани ин ҳолатро муайян карда, баҳри бартараф намудани алоқаи эҳтимолии аъзои чудогонаи ҳизб бо ин ташкилоти экстремистӣ тадбир андешад.

Оид ба ин ҳодиса 26 октябри соли 2010 бо моддаи 289 қисмҳои 2 ва 3 Кодекси чиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи чиноятӣ оғоз шуда, шаш нафар аъзои «Ҳизб -ут- таҳрир» ба ҳабс гирифта, маҳкум карда шуданд.

Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи тафтишотию судии парвандаҳои чиноятӣ вобаста ба чиноятҳои аз ҷониби аъзои ҲНИТ содиркарда аз он дарак медиҳанд, ки дар баъзе ҳолатҳо аъзои ҳизб дар як вақт ба ташкилотҳои террористию экстремистӣ, ба монанди «Ҳизб-ут-таҳрир» ва «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон» шомил гашта, дар содир намудани чиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин низ иштирок намудаанд.

Тибқи гуфтаҳои дастгиршуда – аъзои гурӯҳи муташаккили чиноятии И.О.Имомназаров - раиси бахши ҲНИТ дар шаҳри Хоруғ -Ш. Карамхудоев шаби 23-юми июли соли 2012 ӯ бо даъвати додари И.О. Имомназаров – Султонназар Имомназаров ба қаҳвахонаи «Алёш»-и шаҳри Хоруғ рафтааст, ки дар он ҷо чавонони зиёд ҷамъ омадаанд. С. Имомназаров бо супориши бародараш И.О. Имомназаров ба ӯ ва дигар ҷавонон либоси ҳарбӣ ва яроқҳои оташфишон, аз қабили пулемёти Калашников, автоматҳои Калашников, гранатомёт, гранатаҳо ва дигар воситаҳои таркиши ҳудсохт дода, ӯро сардори гурӯҳи 21-нафара таъин карда, мавқеи ҷойгиршавиашонро дар рӯ ба рӯйи отряди сарҳадбонон, воқеъ дар шаҳри Хоруғ, муайян кардааст. Шаби 23-юм ба 24-уми июли соли 2012 онҳо бо истифода аз яроқҳои оташфишон ва дигар воситаҳои тарканда ба муқобили ниҳодҳои ҳукуматӣ муқовимати мусаллаҳона намудаанд.

Дар баъзе мавридҳо роҳбарон ва фаъолони ҳизби мазкур минбари масҷидҳоро ба сифати ҷойи пешбурди корҳои ташвиқотию таблиғотӣ истифода мебаранд, ки хилофи талаботи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» мебошад.

Чунончӣ, муовини раиси бахши ҳизб дар ноҳияи Ванҷ С.З. Адолатов моҳи январи соли 2012 маҷлиси бахши ноҳиявии ҳизбро бо ҷалби 15-20 нафар аъзои он дар масҷиди деҳаи Мотравни деҳоти «Язгулом»-и ноҳияи Ванҷ гузаронида, дар баробари ин дар ҳамин ҷой ба корҳои тарғиботӣ машғул шудааст.

Маркази ахбори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути АМИТ «Ховар»

Бепарасторон ба табобат фаро гирифта мешаванд

Мудири шӯъбаи тандурустии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе Гулхумор Амирова дар сӯҳбат ба мо гуфт, ки дар ноҳия ҳафт муассисаи тандурустӣ аз ҳисоби буҷети ноҳия маблағгузорӣ карда мешавад. Аз чумла чор муассисаи марказҳои саломатии шаҳрӣ ва як шифохонаи парастории ҳамшираҳои шафқат дар ҳамин радиф қарор доранд, ки дар онҳо одамони барҷомонда, яккаву танҳо, пиронсолон, иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ табобат мегиранд. Дар ин ҷойҳо табобат ва нигоҳубин ба таври ройгон ба ҷо оварда мешавад. Ғайр аз ин, хизматрасонии дандонпизишкӣ низ ба роҳ монда шудааст. Тамоми нуқтаҳои хизматрасонӣ тибқи нақша амал мекунанд. Духтурони марказҳои саломатӣ дар чорабинию маъракаҳои гуногуни чумҳуриявӣ фаъолона ширкат меварзанд. Марказҳои саломатӣ аз нав таъмир гашта, бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин карда шудааанд. Ҳоло барои зимистонгузаронӣ ба таври доимӣ тайёрӣ дида истодаанд. Ба шифохонаи парастории ҳамшираҳои шафқат аз тарафи созмони ЮНИСЕФ ва дигар ташкилотҳо ёрӣ расонида мешавад. Дар ин шифохона 80 кати хоб - 60- тоаш барои калонсолон ва 20- тоаш барои кӯдакон мавҷуд аст. Дар ин ҷо беморони бесаробонро аз муоинаи тиббӣ гузаронида, баъдан ба шифохона мебаранд. Баъд аз муолиҷа чунин беморон дар хонаи парасторон барои зист ҷойгир карда мешаванд.

Шарофат АБДУЛВОҲИДОВА, «Садои мардум»

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН !

Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақомоти Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

т/р	Ташкилоти Харидор	Ному насаб ва телефони шахси масъул	Предмети харид	Воҳиди ченак	Миқдор	Сана ва вақти кушодани лифофаҳо
2529/1-1153	Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ҷ. Ятимов 227-66-60	Таҷҳизоти техникӣ ва инвентар	адад	35	11.09.2012 соати 9^{00}
2530/1-1154	Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ҷ. Ятимов 227-66-60	Молҳои гуногун	номгӯй	21	18.09.2012 соати 9^{00}
2531/1-1155	Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ҷ. Ятимов 227-66-60	Молҳои гуногун	номгӯй	50	18.09.2012 соати 9^{30}
2532/1-1156	Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ҷ. Ятимов 227-66-60	Либоси махсус	номгӯй	5	18.09.2012 соати 10^{00}
2533/1-1157	Раёсати таъминоти моддӣ-техникӣ ва низомии ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ҷ. Ятимов 227-66-60	Консерваи гӯштӣ, ист. Бразилия 1/340 гр	қуттӣ	5200	11.09.2012 соати 9^{30}
2534/2-726	Маркази тиббии шаҳрии шаҳри Душанбе	Ф.Абдураҳмонов 227-65-78	Молҳои хоҷагидорӣ	номгӯй	6	11.09.2012 соати 9^{00}
2535/2-727	Маркази тиббии шаҳрии шаҳри Душанбе	Ф.Абдураҳмонов 227-65-78	Доруворӣ	номгӯй	36	11.09.2012 соати 9^{30}
2536/2-728	Беморхонаи клиникии шаҳрии ёрии таъҷилии тиббӣ	Ф.Абдураҳмонов 227-65-78	Таҷҳизоти тиббӣ	номгӯй	2	11.09.2012 соати 10^{00}
2537/2-729	Шӯъбаи томактабии маорифи Ноҳияи Синои шаҳри Душанбе	Ф.Абдураҳмонов 227-65-78	Маводи хӯрока	номгӯй	4	11.09.2012 соати 10^{30}
2538/2-730	Шӯъбаи томактабии маорифи Ноҳияи Синои шаҳри Душанбе	Ф.Абдураҳмонов 227-65-78	Қайлаи гӯшти моҳӣ 250гр Қайлаи гӯшти гов 340 гр	адад адад	3100 2180	11.09.2012 соати 11^{00}
2539/3-600	Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон	Х. Исмоилов 227-04-75	Таснифоти техникии «Сертификат»	тибқи нақша		11.09.2012 соати 11^{30}
2540/1-1158	Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ҷ.Ятимов 227-66-60	Молҳои гуногун	номгӯй	55	05.09.2012 соати 9^{00}
2541/1-1159	Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ	Ҷ.Ятимов 227-66-60	Молҳои гуногун	номгӯй	43	11.09.2012 соати 10^{00}
2542/1-1160	Маркази чумҳуриявии беморихои дил	Ҷ.Ятимов 227-66-60	Молҳои хоҷагидорӣ	номгӯй	50	11.09.2012 соати 10^{30}
2543/1-1161	Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ҷ.Ятимов 227-66-60	Бензин АИ-92 Гази моеъ	маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад		11.09.2012 соати 11^{00}
2544/1-1162	Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират	Ҷ.Ятимов 227-66-60	Шаҳодатномаҳои касбомӯзӣ	адад	10 000	11.09.2012 соати 11^{30}
2545/2-731	Шӯъбаи ҳифзи муҳити зисти шаҳри Турсунзода	Ф.Абдураҳмонов 227-65-78	Автомашинаи Д-Ласетти	адад	1	11.09.2012 соати 11^{30}
2546/2-732	Шӯъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе	Ф.Абдураҳмонов 227-65-78	Гӯшти мурғ (окорочка) Шири хушк	кг кг	1500 1500	11.09.2012 соати 13^{00}
2547/2-733	Беморхонаи марказии шаҳрии шаҳри Ваҳдат	Ф.Абдураҳмонов 227-65-78	Маводи хӯрока	номгӯй	13	11.09.2012 соати 13^{30}
2548/3-601	Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Ваҳдат	Х.Исмоилов 227-04-75	Таъмири берунӣ (фасад)	тибқи санади нуқсонӣ		11.09.2012 соати 9^{00}
2549/3-602	Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон	Х.Исмоилов 227-04-75	Сохтмони бинои истиқоматии 9-ошёна дар маҳаллаи Зарафшон	тибқи ҳуччатҳои лоиҳавӣ		18.09.2012 соати 9^{30}
2550/3-603	Шӯъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе	Х.Исмоилов 227-04-75	Таъмири бинои кӯдакистони №129	тибқи санади нуқсонӣ		11.09.2012 соати 9^{30}

1. Довталабон барои гирифтани ҳуччатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда мурочиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуччатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

ТАСҲЕҲ

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки Даъватномаи иштирок дар озмуни харид таҳти №2494/3-590, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» таҳти №108 (2935) аз 27августи соли 2012 нашр гардидааст, санаи баргузории озмун 6 сентябри соли 2012 хонда шавад.

***

Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад, ки Даъватномаи №2421/3-567, ки дар рӯзномаи «Садои мардум» аз санаи 14 августи соли 2012 таҳти №104 (2931) нашр гардида буд, ба ҷои «Боғчаи бачагонаи №17», «Боғчаи бачагонаи №7» хонда шавад.



ПАРДОХТИ АЛОҚАИ МОБИЛӢ ДАСТРАС ШУД!

Бо хушнудӣ ба Шумо хабар медиҳем, ки акнун мизоҷони Ширкати "МегаФон-Тоҷикистон" ва "Tcell" бидуни комиссия метавонанд ҳаққи хизматрасониҳои алоқаи мобилиро бо кортҳои пластики ҶСК «Агроинвестбонк» тавассути банкоматҳои бонк, инчунин тавассути низомҳои «Интернет-бонкинг» ва «Бонкинги мобилӣ» пардохт намоянд.

Дар банкоматҳои бонк дар банди «Рӯйхат» («Меню») ишораи нав пайдо шуд, ки бо истифода аз он дар низоми вақти ҷорӣ барои хизматрасониҳои алоқаи мобилии Ширкати "МегаФон-Тоҷикистон" ва "Tcell" маблағ гузаронидан мумкин аст.

Ба воситаи хизматрасониҳои «Интернет-банкинг», Шумо метавонед пардохти худро дар низоми автоматикӣ ба нақша гиред. Дар ин сурат, тавозуни телефони мобилии Шумо ба таври автоматикӣ дар сана ва вақти нишондодаи Шумо пур карда мешавад.

МАЪЛУМОТИ МУФАССАЛ : (44) 600-68-68 WWW.AGROINVESTBANK.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шиносномаи шаҳрвандии А № 6370789-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон 21 июни соли 2011 ба Шарифзода Фатҳуллоҷони Файзулло додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонотии №1031030102/21-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2010 ба Самиев Муслимҷон Боҳирчонович додааст, эътибор надорад.

***

Патенти бо РЯМ 1230021293-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 20 апрели соли 2010 ба Ҳодиҳоҷаи Ҳалимзода додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи № 104256-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи касбӣ-техникии №22-и ноҳияи Кӯлоб соли 1996 ба Қодирова Озодамо Зоировна додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи бақайдгирии №2777-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе 21 ноябри соли 1965 бо суроғаи кӯчаи Фирӯз, ҳавлии №36-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Каримов Ҳасан додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0089497 бо РЯМ 0230016179-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 26 марти соли 2010 ба Урунов Ҳусейн Раҳмонқулович додааст, эътибор надорад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Шукуров Маъруф Тимурович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0233587 бо РЯМ 0930065089 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 3 июли соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Саидов Қурбоналӣ Сулаймонович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии дорои РМА 045747815 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 9 ноябри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Тураев Исмоил Сафарҳоҷаевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии дорои РМА 1230051891 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 21 январи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Саидов Абдураҳим Абдучалилович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0016723 бо РЯМ 0130003097 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 21 октябри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Муассисаи хусусии маҷаллаи «Равзанаи шифо» дорои РМА 010087446, воқеъ дар хиёбони Рӯдакӣ, хонаи 24-и шаҳри Душанбе барҳам мехӯрад.

Ҳамаи арзу шикоятҳо давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Конституция-кафолати ягона ҷомеаи одамгиро ва миллати ҷавон

Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 31 августи соли 2012, соати 16.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 23874 нусха

Навбатдори шумора Мӯсоев А.

Тарроҳи компютерӣ Нигина Исмоилова